

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№40 (4936)

ДУШАНБЕ,
31 МАРТИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991
чоп мешавад

www.sadoimardum.tj




# АРЗИШҲОИ ДИНӢ БАРОИ ТАҲКИМИ СУЛҲ ВА ОСОИШИ ҶОМЕА НАҚШИ МУҲИМ ДОРАНД

**Паёми шодбошии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати иди саиди Фитр**

**29-уми марти соли 2025, шаҳри Душанбе**

**Ҳамдиёрони арҷманд!**

Имрӯз моҳи шарифи Рамазон анҷом меёбад ва фардо иди саиди Фитр, ки яке аз оинҳои муқаддаси дини мубини ислом мебошад, фаро мерасад. Ба ин муносибат ҳамаи шумо – мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзиамонро самимона табрик мегӯям.

Иди саиди Фитр ҳар сол дар саросари мамлакат бо хурсандиву хушҳолии хурду бузурги мардум таҷлил мегардад, ки бозгӯи фазои орому осудаи кишвар ва эҳтироми мо ба арзишҳои дини мубини ислом мебошад.

Бояд гуфт, ки арзишҳои динӣ ҳамчун як ҷузъи муҳими фарҳанги миллӣ барои таҳкими сулҳу субот ва осоишу оромии ҷомеа нақши муҳим доранд.

Ба иттиҳоду сарҷамъӣ, шукргузорӣ ва анҷом додани амалҳои хайр даъвату ҳидоят кардани мардум яке аз фазилатҳои иди саиди Фитр мебошад. Он на танҳо поёни моҳи шарифи Рамазон, балки дарбаргирандаи ҳикматҳои баланди ахлоқӣ ва инсондӯстии дини мубини ислом ба ҳисоб меравад.

Фазилати дигари иди саиди Фитр аз он иборат аст, ки мардум бо дуову фотиҳа руҳи гузаштагони худро шод мегардонанд, аз ҳоли якдигар огоҳ мешаванд, ҳамдигарро ба роҳи рост ва эҳсонкорӣ дар ҳаққи ятимону маъюбон ва камбизоатҳову ниёзмандон роҳнамоӣ мекунанд.

Бузургии моҳи шарифи Рамазон, қабл аз ҳама, дар он аст, ки дар ин моҳ китоби муқаддаси Қуръон нозил шудааст. Дар нахустин оятҳои ба Паёмбари ислом нозилшуда Худованд амр ба хондану навиштанро ҳамчун василаи ба даст овардани илм фармудааст. Аз илмомӯзӣ оғоз гардидани чунин китоби бузург далели возеҳи мақому манзалати баланди илму дониш мебошад. Илова бар ин, чандин ояти Қуръони карим мардумро ба дарки равандҳои ҳаёт аз нигоҳи ҷаҳонбинии илмӣ даъват мекунад.

Дар ҳақиқат, агар инсони ҷӯёи илму дониш ба дунё ва атрофи хеш бо диди илмӣ назар андозад, худро беҳтар мешиносад, нақшу ҷойгоҳ ва масъулияти инсонии хешро дар ҷомеа ва арҷгузорӣ ба неъматҳои зиндагӣ амиқтар дарк мекунад.

Беҳуда нест, ки дар яке аз ҳадисҳои Паёмбари ислом талаби илм барои ҳар марду зани мусулмон фарз дониста шудааст.

Кулли исломшиносон чунин мешуморанд, ки маънии Қуръон одобу ахлоқи ҳамида мебошад. Аз ин нуқтаи назар, масъалаи тарбияи фарзандон, яъне наврасону ҷавонон дар аксари мулоқоту суханрониҳои ман таъкид мегардад.

Ба қавли Паёмбари ислом беҳтарин ҳадяи волидайн ба фарзанд тарбияи неку писандида аст ва агар шахсе фарзандашро хуб адаб омӯзад, беҳтар аз он аст, ки миқдори моле садақа диҳад. Ҳамчунин, дар як ҳадиси Расули Худо омадааст, ки «фарзандонатонро эҳтиром гузоред, онони хуб адаб омӯзед ва ахлоқу рафторашонро неку ислоҳ намоед».

Аз ҷумлаи анъанаҳои хубе, ки мардуми мо онро ба истиқболи иди саиди Фитр анҷом медиҳанд, манзилу маҳали зисти худро тозаву озода кардан, либоси тоза пӯшидан ва ҳамдигарро бо шодиву нишот табрик намудан аст.

Дигар анъана ва суннати неке, ки дар рӯзҳои ид анҷом дода мешавад, ба ниёзмандон хайру саховат кардан мебошад. Вобаста ба ин, бори дигар хотирнишон месозам, ки фитри рӯза ва хайротро ба ятимону маъюбон, оилаҳои камбизоат ва беморону бепарасторон додан савоби бештар дорад, зеро чунин шахсон ба гирифтани ҳар гуна хайрот, аз ҷумла садақаи фитр, дар навбати аввал ҳақдор мебошанд.

Офаридгор дар мавриди садақа додан мо - инсонҳоро таълим медиҳад, ки танҳо пайи нафси хеш набошем ва дар фикри якдигар бошем, зеро инсоният танҳо дар ҳамбастагӣ ва дастгирии ҳамдигарӣ саодатманд мегардад.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**



# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025»**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» аз 7 декабри соли 2024 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2024, №12, мод. 786, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2025, №2156) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 13:

- қисми 4 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«4. Воридоти андозҳои танзимшавандае, ки ба буҷети ҷумҳуриявӣ аз шаҳри Душанбе аз нақшаи умумии тасдиқгардида барзиёд дохил шудааст, ба буҷети шаҳри Душанбе гузаронида мешавад.»;

- қисмҳои 4, 5, 6, 7, 8 мутаносибан қисмҳои 5, 6, 7, 8, 9 ҳисобида шаванд.

2. Аз матни моддаи 16 калимаҳои «шаҳри Душанбе,» хориҷ карда шуда, пас аз калимаи «ноҳияҳо» аломат ва калимаҳои «, ба истиснои шаҳри Душанбе» илова карда шаванд.

3. Ба банди 1) қисми 1 моддаи 20 пас аз калимаи «маҳаллӣ» аломат ва калимаҳои «, ба истиснои шаҳри Душанбе» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур аз 1 январи соли 2025 мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 марти соли 2025, №2157**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 18 марти соли 2025, №1590**



# СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ

**29-уми марти соли 2025 суҳбати телефонии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон муҳтарам Шаҳбоз Шариф доир гардид.**

Дар оғози суҳбат Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири Покистон муҳтарам Шаҳбоз Шариф мубодилаи табрикотро ба муносибати фарорасии иди муборaки Фитр анҷом доданд.

Дар ин зимн Пешвои миллат ба муҳтарам Шаҳбоз Шариф таманниёти сиҳатмандӣ ва комёбиҳои навинро иброз намуда, ба тамоми мардуми дӯсти Покистон сулҳу суботи пойдор ва пешрафту шукуфоӣ орзу намуданд.

Дар идомаи суҳбат ҷонибҳо ҳолати кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Покистонро мавриди баррасӣ қарор доданд. Президенти Тоҷикистон ва Сарвазири Покистон бо изҳори қаноатмандӣ аз раванди афзоишёбандаи рушд ва тавсеаи робитаҳои ҳар ду кишвар ёдовар шуданд.

Ҷонибҳо аҳамияти идомаи муколамаи байнидавлатиро ҳамчун омили калидии пешбурди минбаъдаи шарикии ҳар ду кишвар таъкид карда, рӯзномаи мулоқотҳои сатҳи олӣ ва баланди дарпешистодаро дар қолабҳои дуҷониба ва бисёрҷониба муҳокима карданд. Ҳамчунин, мубодилаи афкор атрофи масъалаҳои рӯзмарраи байналмилалӣ ва минтақавӣ сурат гирифт.

**www.prezident.tj**

# ПАЁМИ ТАБРИКИИ

## РАИСИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ МУҲТАРАМ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БА МУНОСИБАТИ ИДИ САИДИ ФИТР

**30-юми марти соли 2025, шаҳри Душанбе**

**Ҳамватанони азиз!**

**Сокинони маърифатпарвари пойтахт!**

Анҷоми моҳи муборaки Рамазон ва фарорасии иди саиди Фитрро ба кулли мардуми шарифи кишвар ва ҳамватанони бурунмарзиамон самимона табрик мегӯям.

Боиси хушбахтист, ки бо шарофати Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешбурди сиёсати инсондӯстонаю фарҳангпарваронаи Роҳбари давлатамон - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мардуми кишвар ба эҳёи суннату анъанаҳои неки ниёгони худ шарафёб гардид.

Ба ҳукми анъана даромадааст, ки сокинони ҷумҳурӣ дар давоми моҳи шарифи Рамазон ва айёми муборaки иди Фитр бештар ба амалҳои хайр, ба монанди аёдати падару модар, беморону азодорон, кумак ба ятимону маъюбон ва оилаҳои ниёзманд, инчунин, ба дигар корҳои хайру савоб машғул мешаванд.

Боиси қаноатмандист, ки сол то сол мардуми кишвари мо моҳияти қонунгузориро дар самти танзими анъана ва ҷашну маросим пурратар дарк намуда, дар рӯзҳои ид ба исрофкорӣ ва зиёдаравӣ роҳ намедиҳанд.

Мардуми сарбаланди мо, аз ҷумла соҳибкорону ашхоси саховатманди диёр, дар арафаи ин иди муборак корҳои созандагию бунёдкориро вусъат дода, бо бунёду обод кардани роҳу инфрасохтор, манзилҳои истиқоматӣ, корхонаю коргоҳҳои истеҳсолӣ ва дигар иншооти ҳаётан муҳим дар таъмини ҳадафҳои рушди миллӣ саҳмгузор мегарданд.



Мо бояд дар баробари ҳифзи арзишҳои муқаддаси миллӣ, ки дар тӯли асрҳо ба мо мерос боқӣ мондааст, дар тарбияи наслҳои созандаву ободкор заҳмат кашем ва баҳри рушди босуботи дурахшони давлату миллат номбардори шоистаи таърихи тамаддуни башарии худ бошем.

Бори дигар фарорасии иди саиди Фитрро ба ҳамаи шумоён табрику таҳният гуфта, ба аҳли ҳар як хонадони кишвар саломатию хушбахтӣ, ризқи фаровон ва ба Ватани азизамон – Тоҷикистон рушди бесобиқаро орзу менамоям.

**Иди Рамазон муборак бошад, ҳамдиёрони азиз!**

Интихоботи вакилони халқ – 2025

# ОШКОРО, ШАФФОФ ВА ОЗОД

## Интихоботи аъзои Маҷлиси миллӣ баргузор гардид

**28-уми марти соли 2025 дар Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласа баргузор гардид. Дар он масъалаи тасдиқи натиҷаи интихоботи даъвати нави аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳавзаҳои интихоботии бисёрмандатӣ оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон №1, вилояти Суғд №2, вилояти Хатлон №3, шаҳри Душанбе №4 ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ №5, ки 28 марти соли 2025 баргузор гардид, мавриди баррасӣ қарор гирифт.**



Бо риояи талаботи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар асоси пешниҳоди маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он, вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар ҳавзаҳои интихоботии бисёрмандатии зикршуда 25 номзад ба қайд гирифта шуда буд.

Мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи интихобот овоздиҳӣ 28 марти соли равон гузаронида шуд. Дар асоси протоколҳои пешниҳоднамудаи комиссияҳои ҳавзавии интихоботии бисёрмандатӣ дар интихобот аз нисф зиёди шумораи умумии вакилони интихобкунанда аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он, вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он ва аз шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ иштирок намуданд. Тибқи талаботи моддаи 43 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаҳои якҷояи маҷлисҳои вакилони халқи мазкур оид ба интихоботи узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳиятнок ҳисобида шуданд.

Ҳамин тавр, интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҳавзаҳои интихоботии бисёрмандатии зикршуда ба таври ошкоро, шаффоф ва озод бо иштироки фаъоли вакилони интихобкунанда баргузор гардид.

**Ш. АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум»**



# МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**27 марти соли 2025 таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Раиси Ҳукумати кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Нахуст дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2025-2026 вазири рушди иқтисод ва савдо Завқӣ Завқизода гузориш дод.

Таъкид гардид, ки мақсади таҳияи лоиҳа муайян намудани супоришу тадбирҳо вобаста ба ҳалли масъалаҳои омодагии соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ ба мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2025-2026 мебошад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супориш доданд, ки барои амалисозии ин ҳадаф нақшаи чорабиниҳо тасдиқ ва ситоди ҷумҳуриявӣ аз ҳисоби роҳбарони аввали вазорату идораҳо барои фаъолияти мунтазам таъсис дода шавад.

Дастур дода шуд, ки вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба рафти иҷрои нақшаи чорабиниҳо дар муҳлатҳои муқарраршуда маълумот пешниҳод намоянд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз истифодаи ғайрисамараноки неруи барқ ва талафоти аз меъёр зиёди он дар мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2024-2025 изҳори нигаронӣ карда, барои бартараф намудани камбудиҳои ҷиддии мавҷуда ва пешгирии чунин ҳолатҳо ба масъулин супоришҳои мушаххас доданд. Таъкид гардид, ки барои истифодаи ғайриқонунии неруи барқ ва напардохтани маблаҒи он ҳатто ҷавобгарии ҷиноятӣ муайян карда шавад.

Сипас лоиҳаҳои як қатор қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии хатарнок» ва «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фармасевтӣ» маъқул дониста шуда, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.

Дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029» ва «Барномаи солимгардонӣ, барқарорсозӣ ва ҳамгироии маҳбусони барои содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистию террористӣ, иштирок дар задухӯрдҳои мусаллаҳона ва низоъҳои ҳарбии ҳудуди кишварҳои хориҷӣ маҳкумшуда барои солҳои 2025-2029» баррасӣ ва қарорҳои дахлдор қабул карда шуд.

Оид ба заминҳои мавҷуда, тақсимоти онҳо аз рӯйи гурӯҳҳо, намудҳо ва истифодабарандагони замини ҷумҳурӣ ба ҳолати 1 январи соли 2025 гузориши шахсони масъул шунида шуд.

Дар фароварди кори маҷлис Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба иҷрои ҳатмӣ, саривақтӣ ва босифати супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Супоришҳо, ҳамчунин, оид ба ташкили саривақтӣ ва босифати киштукори баҳорӣ, махсусан пахта ва картошка, иҷрои супоришҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, вусъати сабзкорӣ ва созандагӣ дар иншооти ҷашнии 35-солагии Истиқлоли давлатӣ, бахусус бунёди муассисаҳои таълимӣ ва томактабӣ, дода шуд.

# БАРҚИЯҲОИ ТАСАЛЛӢ

**29-уми марти соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Сарвазири Шоҳигарии Таиланд хонум Паэтонгтарн Чинаватра барқияи изҳори тасаллӣ ирсол намуданд, ки дар он гуфта мешавад:**

**«Хонуми Олиҷоҳ,**

Хабари ба ҳалокат расидан ва осеб дидани шумораи зиёди одамон, ҳамзамон, ворид гардидани хисорот ба бинову иншоот бар асари заминларзаи шадид дар Шоҳигарии Таиланд боиси таассуфи амиқи мо гардид.

Дар иртибот ба оқибатҳои харобиовари ин офати табиӣ ба Шумо, пайвандону наздикони фавтидагон ва тамоми мардуми дӯсти Таиланд ҳамдардӣ ва таслияти самимии хешро иброз менамоям. Ба ҳамаи осебдидагон шифои комил мехоҳам».

**29-уми марти соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Сарвазири Ҷумҳурии Иттиҳоди Мянма муҳтарам Мин Аунг Хлайн барқияи изҳори тасаллӣ ирсол намуданд, ки дар он гуфта мешавад:**

**«Муҳтарам ҷаноби Сарвазир,**

Хабари заминларзаи шадид дар кишвари ба мо дӯсти Мянма, ки бар асари он шумораи зиёди одамон ҷон бохтаву осеб дидаанд ва ба бинову иншооти сершумор хисорот ворид гардидааст, боиси андуҳи амиқи мо гардид.

Вобаста ба пайомадҳои фоҷиабори ин офати табиӣ ҳамдардиву таслияти самимии инҷонибро ба Шумо, наздикону пайвандони фавтидагон ва тамоми мардуми кишваратон изҳор намуда, ба ҳамаи осебдидагон шифои комил хоҳонам».

www.prezident.tj

(Идома аз саҳ. 1)

**Ҳамватанони гиромӣ!**

Яке аз бузургтарин ҳикматҳои моҳи шарифи Рамазон ва иди саиди Фитр расидан ба қадри неъматҳо мебошад. Бинобар ин, мо бояд хуб дарк намоем ва дар хотир дошта бошем, ки сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ асоси ҳаёти орому осудаи ҳар як оила, ҳар як фарди ҷомеа ва шарти муҳимтарини рушду пешрафти кишвар мебошад. Яъне, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ гаронбаҳотарин неъмати зиндагии мо ба ҳисоб меравад.

Махсусан, дар шароити бесуботу буҳрони ҷаҳони муосир, ки истиқлолу озодӣ, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсии сайёра таҳти хатари ҷиддӣ қарор гирифтааст, ҳар яки моро зарур аст, ки ба хотири боз ҳам таҳким бахшидани иттиҳоду сарҷамъии миллат ва амнияти давлату ҷомеа кӯшиш намоем ва барои ҳимояи неъмати бебаҳои зиндагиамон - истиқлоли давлатӣ ва дастовардҳои он ҳамеша омода бошем.

Мо - тоҷикон ҳамчун миллати фарҳангиву тамаддунсоз бояд шукрона кунем, ки соҳибдавлату соҳибватан ва соҳиби таърихи бостонӣ ҳастем.

Тоҷикистони соҳибистиқлолу маҳбуби мо узви комилҳуқуқи кулли созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва баробари тамоми кишварҳои дунё соҳиби як овоз мебошад, ҷомеаи ҷаҳонӣ ташаббусҳои онро дастгирӣ ва пуштибонӣ мекунад ва кишвари азизи мо имрӯз дар ҷодаи ободиву пешрафт қадамҳои устувор мегузорад.

**Ҳамдиёрони азиз!**

Худдорӣ намудан аз ҳама гуна зиёдаравию исрофкорӣ ва зоҳирпарастиву намоишкорӣ муҳимтарин вазифаи ҳар як бандаи муъмин дар ҳама ҳолат, аз ҷумла дар айёми ид, мебошад. Вобаста ба ин, зарурати риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим»-ро бори дигар таъкид менамоям.

Дар ҳоле ки ҷаҳон бо мушкилоти гуногуни иқтисодӣ, буҳронҳои молиявӣ, тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои ногувори он, аз ҷумла камобиву хушксолии пайи ҳам ва болоравии нархи маводи ғизоӣ, рӯбарӯ гардидааст, мо бояд ба масъалаи истифодаи оқилонаи имкониятҳои моддиву молиявии худ муносибати ҷиддӣ дошта бошем.

Ба ҷойи зиёдаравию исрофкорӣ мо бояд имкониятҳои молиявии худро барои беҳтар намудани шароити зисту зиндагӣ, фароҳам овардани шароити беҳтар барои аҳли оилаву фарзандонамон ва таълиму тарбияи онҳо сарф намоем. Ҳамчунин, рӯзҳои мусоиди баҳор ва фасли киштукорро самаранок истифода бурда, барои ҳосили фаровон ва боз ҳам беҳтар таъмин кардани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ заминаи устувор гузорем.

# АРЗИШҲОИ ДИНӢ БАРОИ ТАҲКИМИ СУЛҲ ВА ОСОИШИ ҶОМЕА НАҚШИ МУҲИМ ДОРАНД

## Паёми шодбошии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати иди саиди Фитр

**29-уми марти соли 2025, шаҳри Душанбе**

Бовар дорам, ки дар рӯзи муборакии ид ва минбаъд низ ҳар як шахси савобҷӯ ва хайрхоҳ барои анҷом додани амалҳои нек талош меварзад, нисбат ба дигарон, махсусан ятимону маъюбон ва оилаҳои камбизоату ниёзманд, муҳаббату ғамхорӣ зоҳир менамояд ва бо ин роҳ соҳиби савоби зиёд гардида, дар таҳкими иттиҳоду ҳамбастагӣ ва ваҳдати миллӣ саҳм мегузорад.

Мову шумо вазифадорем, ки барои пешрафти давлати соҳибистиқлоламон, ободии Ватанамон ва боз ҳам баланд бардоштани нуфузу обрӯи он дар арсаи байналмилалӣ тамоми саъю талоши худро ба харҷ диҳем.

Фаромӯш набояд кард, ки анҷом додани хайру саховат, дастгирии оилаҳои камбизоат, ятимону бепарасторон, сарфаю сариштакорӣ ва танзими маросиму маъракаҳо, дар айни замон, риоя ва гиромидошти арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ ва динии мо мебошад.

Дар ин раванд, мо бояд ба тарбияи насли наврас, тарғиби омӯзиши илму ҳунар ва омода кардани мутахассисони созандаву эҷодкор барои ояндаи давлати миллии соҳибистиқлоламон эътибори аввалиндараҷаву доимӣ диҳем.

Бори дигар, ҳамаи шумо - ҳамдиёрони азиз ва ҳамватанони бурунмарзиамонро бо фарорасии иди саиди Фитр аз самими қалб табрик гуфта, ба ҳамаи шумо бахту иқболи баланд ва дили шоду хонаи обод орзу менамоям.

**Иди саиди Фитр муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

# ҚАРОРИ
# КОМИССИЯИ МАРКАЗИИ ИНТИХОБОТ ВА РАЪЙПУРСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Дар бораи ҷамъбасти натиҷаи интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бақайдгирӣ ва тасдиқи ваколатҳои аъзои интихобшуда

Мувофиқи моддаҳои 12, 43, 51, 52, 55 ва 56 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар асоси протоколҳои комиссияҳои ҳавзавии интихобот оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳавзаҳои интихоботи бисёрмандата дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон №1, вилояти Суғд №2, вилояти Хатлон №3, шаҳри Душанбе №4 ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ №5 дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои овоздиҳӣ Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Интихоботи даъвати нави аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳавзаҳои интихоботи бисёрмандатӣ оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон №1, вилояти Суғд №2, вилояти Хатлон №3, шаҳри Душанбе №4 ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ №5 бо иштироки аз нисф зиёди вакилони интихобкунанда баргузоршуда ҳисобида шавад.

2. Муқаррар карда шавад, ки мувофиқи талаботи моддаи 29 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» 25 аъзо ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаҳои интихоботи бисёрмандатӣ оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон №1, вилояти Суғд №2, вилояти Хатлон №3, шаҳри Душанбе №4 ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ №5 интихоб гардиданд.

3. Номзадҳое, ки дар интихоботи рӯзи 28 марти соли 2025 интихоб шудаанд, тибқи рӯйхат ба қайд гирифта, ваколатҳояшон тасдиқ карда шаванд (замима мегардад).

4. Ба аъзои интихобшудаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқарраргардида шаҳодатномаи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шавад.

**Раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Б. ХУДОЁРЗОДА**

**Котиби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Н. САМАДЗОДА**

**ш. Душанбе, 28 марти соли 2025, №87**

**Замима**
**ба банди 3 қарори Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2025, №87**

## РӮЙХАТИ
## ДАЪВАТИ НАВИ АЪЗОИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, КИ РӮЗИ 28 МАРТИ СОЛИ 2025 ИНТИХОБ КАРДА ШУДААНД

**Ҳавзаи интихоботи бисёрмандатӣ оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон №1**

| | |
|---|---|
| 1. Мирзонабот Алишер Худоберди | 1980 соли таваллуд, раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, сокини шаҳри Хоруғ |
| 2. Назарзода Ризо Шоди | 1988 соли таваллуд, раиси шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, сокини шаҳри Хоруғ |
| 3. Раҷабзода Зунайда Абунаср | 1985 соли таваллуд, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, сокини ноҳияи Рӯшон |
| 4. Иматшозода Анвар Иматшо | 1978 соли таваллуд, раиси ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, сокини ноҳияи Ишкошим |
| 5. Носирзода Умедҷон Саидҷон | 1981 соли таваллуд, раиси ноҳияи Дарвози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, сокини ноҳияи Дарвоз |

**Ҳавзаи интихоботи бисёрмандатӣ оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд №2**

| | |
|---|---|
| 6. Аҳмадзода Раҷаббой | 1971 соли таваллуд, раиси вилояти Суғд, сокини шаҳри Хуҷанд |
| 7. Рустамзода Замира Темурмалик | 1978 соли таваллуд, директори Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Бӯстон», сокини ноҳияи Б.Ғафуров |
| 8. Ғафурзода Дилором | 1973 соли таваллуд, директори муассисаи таълимии миёнаи умумии №7 шаҳри Конибодом, сокини шаҳри Конибодом |
| 9. Маъмурзода Адҳам Маъмур | 1983 соли таваллуд, раиси шаҳри Истаравшани вилояти Суғд, сокини шаҳри Истаравшан |
| 10. Холиқзода Абдухолиқ Санавбар | 1981 соли таваллуд, раиси шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд, сокини шаҳри Панҷакент |

**Ҳавзаи интихоботи бисёрмандатӣ оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон №3**

| | |
|---|---|
| 11. Давлаталӣ Саид | 1970 соли таваллуд, раиси вилояти Хатлон, сокини шаҳри Бохтар |
| 12. Назарзода Бахтиёр Худоёр | 1969 соли таваллуд, раиси шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон, сокини шаҳри Кӯлоб |
| 13. Назирӣ Зариф Вализода | 1973 соли таваллуд, раиси ноҳияи Фархори вилояти Хатлон, сокини ноҳияи Фархор |
| 14. Вализода Икромиддин Сироҷиддин | 1974 соли таваллуд, раиси ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон, сокини ноҳияи Ёвон |
| 15. Сабурзода Мирзодавлат Абдолӣ | 1964 соли таваллуд, раиси ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон, сокини ноҳияи Қубодиён |

**Ҳавзаи интихоботи бисёрмандатӣ оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе №4**

| | |
|---|---|
| 16. Рустами Эмомалӣ | 1987 соли таваллуд, раиси шаҳри Душанбе, сокини шаҳри Душанбе |
| 17. Каримзода Мунира Бобохон | 1972 соли таваллуд, сартабиби Муассисаи давлатии «Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятии кӯдакона», сокини шаҳри Душанбе |
| 18. Муҳиддин Нуриддин Давлатали | 1970 соли таваллуд, ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино», сокини шаҳри Душанбе |
| 19. Давлатзода Қудрат Қамбар | 1972 соли таваллуд, ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, сокини шаҳри Душанбе |
| 20. Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт | 1982 соли таваллуд, президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, сокини шаҳри Душанбе |

**Ҳавзаи интихоботи бисёрмандатӣ оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ №5**

| | |
|---|---|
| 21. Акрамзода Парвиз Акрам | 1980 соли таваллуд, раиси шаҳри Турсунзода, сокини шаҳри Турсунзода |
| 22. Носирзода Ҷаббор | 1971 соли таваллуд, раиси шаҳри Ҳисор, сокини шаҳри Ҳисор |
| 23. Ҳикматуллозода Абдуғаффор | 1975 соли таваллуд, раиси ноҳияи Рӯдакӣ, сокини ноҳияи Рӯдакӣ |
| 24. Абдураҳимзода Шоира Абдуғаффор | 1976 соли таваллуд, муовини раиси шаҳри Ваҳдат, сокини шаҳри Ваҳдат |
| 25. Идизода Зарина Фузайлшо | 1979 соли таваллуд, раиси ноҳияи Рашт, сокини ноҳияи Рашт |

# ҶАҲОН АНҶУМАН ШУД

**Ҷашни Наврӯз гузаштаи моро бо имрӯзу оянда пайванд медиҳад. Ин ҷашн, чӣ дар гузашта ва чӣ имрӯз, талқини зебопарастӣ, ба оянда некбин будан ва намоди сулҳу ваҳдату ҳамзистии осоишта дар байни миллатҳои мухталиф будааст.**

Баррасиҳо ва ёфтаҳои таърихӣ нишон медиҳанд, ки ин ҷашн дар тӯли ҳастӣ, ба вижа дар замони таҳаввулоти сиёсию иҷтимоӣ, ба сифати ҷашни сулҳу ваҳдат ва омили ҳамгироиву ҳампазирӣ дар байни ақвоми гуногун нақши муҳим бозидааст. Имрӯз ин ҷашни бузург бо назардошти ҳамин рисолати инсонсозияш таҷлил мешавад. Маҳз ҳамин омил боиси густардатар гардидани доираи таҷлили он гаштааст. Ба ибораи дигар, он хусусиятҳои вижае, ки Наврӯз дорад, ба мисли накукорӣ, хайрхоҳӣ, сарҷамъ кардани миллатҳои гуногун, эҷоди нишоту сурур, ба оянда некбин будан, кинаву адоватро аз дилҳо зудудан, ба якдигар дасти дӯстиву рафоқат додан, дасти пиру барҷомондаву ниёзмандро гирифтан, рӯ ба тозакориву ободгарӣ овардан ва ғайра, ҳамагонро водор кардааст, ки аз он бо хушнудӣ истиқбол бикунанд.

ҷаҳон метавонанд таҷассуми ормонҳои худро дар он бубинанд. Ба ибораи дигар, ҷашни Наврӯз, ки оғози баҳору эҳёшавии табиат ва киштукор аст, дар байни миллатҳои мухталифи Шарқ чун ҷашни миллӣ таҷлил карда мешавад.

Наврӯз ҷашни куҳани мардуми ориёинажод, ба вижа тоҷикон буда, таърихнигорон роҷеъ ба омил ва заминаҳои пайдоиши он осори зиёд доранд. Тибқи нигориши таърихнигорон Наврӯз бузургтарин ва мондагортарин ҷашни миллии мардуми ориёинажод, ба вижа тоҷикон, мебошад. Яъне, Наврӯз оғози соли нави хуршедӣ аст. Дар бархе кишварҳо тақвими наврӯзӣ аст ва оғози Наврӯз саршавии соли нав мебошад.

Муҳимтарин ривоятҳо дар боби пайдоиши Наврӯз он аст, ки Наврӯзро иди эҳёи табиат дониста, яке аз омилҳои пайдоиши онро баробаршавии рӯзу шаб ва оғози баҳор маънӣ кардаанд. Абулқосим Фирдавсӣ ва Муҳаммад Табарӣ Наврӯзро ба шоҳон Каюмарс ва Ҷамшед рабт медиҳанд ва ин дуро поягузорони Наврӯз медонанд. Абурайҳони Берунӣ, ки ба тафсил дар боби пайдоиши Наврӯз пажӯҳиш анҷом додааст, Наврӯзро ба шоҳ Ҷамшед нисбат медиҳад. Ба назари ӯ замоне ки Ҷамшед адлу додро дар сарзаминаш истеҳком бахшид, он рӯзро рӯзи нав номид ва Наврӯз дар сарзамини ӯ чун ҷашн қабул гардид.

Мусаллам аст, ки дар гузаштаи начандон дур ҷашни Наврӯзро аз оинҳои динӣ хонданд ва барои таҷлили он монеа эҷод намуданд. Рӯшанфикрони мо садо баланд карда, бо далоили раднашаванда собит сохтанд, ки он ба дин ҳеҷ рабте надорад ва ҳазорҳо сол пеш аз зуҳури дини ислом вуҷуд дошт ва ҷашн гирифта мешуд. Ҳарчанд нигоҳи ҳукуматдорон то ҷое ба ин ҷашни миллии мо дигар шуд, вале на ба сурате ҷашн гирифта мешуд, ки имрӯз мебинем. Аз ин лиҳоз, мо бо итминон метавонем бигӯем, ки маҳз бо ташаббуси Пешвои фарҳангпарвари миллатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷашни сирф миллии мо - Наврӯз дар даврони соҳибистиқлолӣ аз нав эҳё гардид, ба сифати ҷашни расмии миллӣ пазируфта шуд ва ҳар сол он бо шукӯҳу ҷалоли хос дар саросари кишварамон таҷлил мешавад. Ба хотири тибқи суннати аҷдодӣ таҷлил намудани он дар пойтахти кишвар ва марказҳои маъмурии вилоятҳо ва шаҳру навоҳии мамлакат наврӯзгоҳҳо бунёд ёфтанд. Акнун он бо шукӯҳу шаҳомати бузург ҷашн гирифта мешавад.

Роҳбари хирадманду дурбини мо бо ин иктифо накарданд, балки ба хотири муаррифии бештари миллати тоҷик ба ҷаҳониён ба ҳайси миллати куҳанбунёду фарҳангӣ аз роҳбарони кишварҳои ҳавзаи Наврӯз даъват ба амал оварданд, ки барои мақоми байналмилалӣ гирифтани ин ҷашни бузург саъй намоянд ва чунин ҳам шуд. Наврӯз аз ҷониби ЮНЕСКО ба сифати ҷашни байналмилалӣ қабул гардид ва он дар гӯшаву канори дунё бо паёмҳои наврӯзии раҳбарони кишварҳои муқтадири ҷаҳон ҳар сол бо шукӯҳ ва шоҳомати хос ҷашн гирифта мешавад.

Ҳамчун ҷашни байналмилалӣ қабул шудани Наврӯз аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ далел бар ин аст, ки Наврӯз ҷашнест марз, ҳудуд, нажод ва ғайраро намешиносад ва ҷашнест, ки ҳама миллатҳои

Сайри таҳаввули таърихии Наврӯз нишон медиҳад, ки он яке аз қадимтарин ҷашнҳои мардуми ориёинажод буда, дар тӯли таърих худро бо таҳаввулоти сиёсиву иҷтимоии замон нигоҳ доштааст. Чӣ дар замони ҳуҷуми Искандар ва чӣ дар замони забткории араб ҷашни Наврӯз бо номҳо ва маросимҳои мухталиф ва шаклу шеваи мутобиқшуда бо руҳияи замон таҷлил мешуд. Дар замони ҳамлаи турку муғул ва манғит низ Наврӯз бо шаклу шеваи хос таҷлил мегардид. Ҳатто дар замони шуравӣ низ, ки Наврӯз расман ҷашн гирифта намешуд, аз ҷониби мардуми деҳоти Тоҷикистон бо номҳои дигар, ба мисли дарвешона, ҷашни баҳор ва ғайра, таҷлил мегардид.

Ин нуктаро бояд таъкид кард, ки дар таърихи гузаштаи мо Наврӯз мақом ва ҷойгоҳи вижа дошт. Ин мақом ва ҷойгоҳи Наврӯз дар китоб, ашъори шоирону нависандагони форсу тоҷик ба шакли возеҳ баён шудааст. Ашъори шоирон, ки дар замонҳои гуногун зиндагӣ ва эҷод кардаанд, нишон медиҳад, ки Наврӯз дар тамоми давраҳои таърихӣ ба сифати иди мардумписанд таҷлил мегардид. Шоирони гузаштаи мо дар ашъори худ аз Наврӯз ба сифати ҷашни баҳору зиндашавии табиат васф кардаанд. Ин ашъор далели собит бар он аст, ки дар тӯли таърих ва замони зимомдории ҳукуматҳои гуногун Наврӯз чун ҷашни мардумӣ таҷлил мегардидааст. Масалан, Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и худ доир ба мақом ва ҷойгоҳи Наврӯз ва сабаби пайдоиши он чунин гуфтааст:

**Чу хуршеди тобон миёни ҳаво,**
**Нишаста бар ӯ шоҳи фармонраво.**
**Ҷаҳон анҷуман шуд бар тахти ӯ,**
**Фурӯ монда аз фарраи бахти ӯ.**
**Ба Ҷамшед-бар гавҳар афшонданд,**
**Мар он рӯзро рӯзи нав хонданд.**



**САИДВАЛИЗОДА Барно Саиднабӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Манучеҳрии Домғонӣ низ дар васфи Наврӯз навиштааст:

**Омада Наврӯз дар ин бомдод,**
**Омаданаш фарруху фархунда бод.**
**Боз ҷаҳон хурраму хуб истод,**
**Мурд зимистону баҳорон бизод.**

Ин чанд мисол аз ашъори шоирони гузаштаи мо гувоҳ бар ин аст, ки Наврӯз ҳатто пас аз зуҳури ислом низ гиромӣ дошта мешуд. Наврӯз ҷашни қадимии гузаштагони мост, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо то ба имрӯз чун ҷашни сулҳофарину ваҳдатофарин ҳифз шудааст. Густариши Наврӯз дар байни ақвоми гуногун нишон медиҳад, ки ин иди ваҳдатофарин дар ҳар гӯшае аз дунё агар рафта, бо руҳияи он ақвом созгор омадааст. Агар сайри кӯтоҳе ба ҷашни Наврӯз дар кишварҳои Осиёи Миёна, Қафқоз ва араб бикунем, мебинем, ки дар ин кишварҳо Наврӯз ба шакли гуногун таҷлил мешавад. Оин ва русуме, ки дар байни мардуми ин кишварҳо дар арафаи Наврӯз барпо мешаванд, далел бар як ҷашни пуршукӯҳ будани Наврӯз мебошад. Дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистони азизамон Наврӯз ба шакли вижа ва хоси ҳамон маҳал таҷлил мешавад. Масалан, маросимҳое, ки дар Наврӯзи шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон ҳаст ё Рашту Суғд ва ё Бадахшон, рангу накҳати маҳаллии Наврӯзро бештар намоён мекунад.

Наврӯз ҷашни сулҳу меҳрубонӣ аст. Оинҳое, ки дар Наврӯз роиҷ аст, мисли оштӣ шудан, либоси нав ба бар кардан, бахшидан, ҳадя додан, ба сайругашт рафтан, дар лаби деги суманак ҷамъ шудану рақсу бозӣ кардан, аломати барҷастаи он аст. Дар гузашта низ шоҳон дар арафаи иди Наврӯз муҷримонро мебахшиданд ва як ҳафта ба хотири ин ҷашн сурури шодӣ барпо мекарданд. Ин расмҳои накуи наврӯзӣ имрӯз зинда шудааст ва мо мебинем, ки мардуми тоҷик бо иттиҳоду сарҷамъӣ дар арафаи ин ҷашни баҳорӣ ба суруру шодӣ мепардозанд. Бад-ин ҷиҳат аст, ки Наврӯз яке аз намодҳои боризи миллии мо - тоҷикон гаштааст. Наврӯз ҳамчун пули пайвандгар байни миллатҳои гуногуни дунё хидмат намуда, миллатҳоро ба оғӯши сулҳу ваҳдат меоварад.

Мо зимни баёни матлаб ба таърихи Наврӯз, ки ба намоди пайванди гузашта ба имрӯз табдил шудааст, ба сулҳофарин, ваҳдатофарин ва пайвандгари байни миллатҳо будани Наврӯз ишора намудем, ки имрӯз дар ҷаҳон бештар аз пештар густариш меёбад. Наврӯз ҷашни байналмилалӣ гардид ва қабои оламшумул касб намуд. Мебинем, ки доираи таҷлили он дар ҷаҳон сол то сол густардатар мегардад. Ин барои мо – тоҷикон мояи ифтихору сарфарозист.

# ШАКЛУ ШЕВАИ НАВИ ОИНИ БОСТОНӢ

**Ҷашни Наврӯз ба мардуми мо ва халқҳои тамаддуни ҳавзаи Наврӯз аз омадани фасли баҳор ва фаро расидани мавсими киштукор дарак медиҳад. Аз давраҳои хеле қадим тоҷикон ба истиқболи он тайёрӣ дида, хонаю кошонаи худро сафед, либосҳои нав ба бар мекарданд, зарфҳои шикастаро аз хона дур месохтанд, оташдону оташкадаҳоро таъмир, ҷӯю заҳбурҳоро тоза менамуданд ва бо ин рафтору кирдорҳои шоисташон сиёҳиро аз хона дуру рӯшноиро дар манзили зисташон ҷойгузин мекарданд.**

Дар аҳди бостон маросими зиёде вуҷуд дошт, ки дар онҳо ба Наврӯз арҷи махсус гузошта мешуд. Дар ин рӯзҳо густурдани хони идона, базми наврӯзӣ, эҳдои ҳадяҳо, баргузории мусобиқаҳои паҳлавонӣ ва дигар маросимҳо роиҷ буданд, ки онҳоро бо ихлосмандӣ доир мекарданд. Ҳамин хусусиятҳои Наврӯз, ки аз давраи қадим ҷанбаҳои табиӣ ва халқӣ доштанд, дар асари «Осор-ул-боқия»-и Абурайҳони Берунӣ ва дигар сарчашмаҳои таърихӣ на танҳо таъкид шудаанд, балки тарзи баргузории онҳо ба таври муфассал омадааст.

Бо шарофати Истиқлоли давлатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арзишҳои зиёди миллии моро эҳё намуданд, ки дар миёни онҳо Наврӯз ҷойгоҳи хос дорад ва ҳамасола тамоми сокинони кишвар, аз хурд то бузург, ба таҷлили Наврӯз бо руҳбаландии хос омодагӣ мегиранд.

Албатта, ҳар як ҷашну маросими тоҷикон моломоли рамзу маъниҳои пурҳикмат, нуҳуфта, асрори таърихӣ, унсурҳои асотири бостонӣ ва мазмунҳои эътиқодию иҷтимоӣ мебошанд. Рамз як навъ баёни иҷтимоӣ мебошад, ки дар шаклҳои лафзӣ, хаттӣ, тасвирӣ, ҳунари иҷроӣ ва моддӣ зуҳур карда, тасаввуроту ҷаҳонбинӣ, орзуву хостаҳо, эҳсосот, зебоишиносӣ ва эътиқоди мардумро бозтоб мекунад. Ҷашни Наврӯз ҳамчун падидаи бузурги фарҳанги суннатӣ, фарогири рамзу мазмунҳои ошкору нуҳуфта мебошад, ки боиси рангорангию шукӯҳ ва зебоии он гаштаанд. Рамзҳои таркиби одобу русум ва боварҳои Наврӯз гуногунанд, масалан, рамзҳои ифодакунандаи офариниш, рамзҳои марбут ба орзуи покӣ ва бегуноҳӣ, рамзҳо бо нияти баракату фаровонӣ, ҳамчунин, тандурустию шодкомӣ, бегазанду офат гузаронидани соли нав, хушбахтӣ ва монанди инҳо. Баъзе рамзҳо ҳарчанд дар иду маросимҳои дигар ҳам истифода шаванд, аммо дар ҷашни Наврӯз суннати тӯлонӣ ва мавқеи хоса доранд.

Қабл аз ҳама, худи ҷашни Наврӯз дар фарҳанги суннатии тоҷикон ҳамчун падидаи иҷтимоию фарҳангӣ бозтоби рамзи куллии навгониро дорад. Наврӯз паёмовари навгониҳост, ҳамаи унсурҳои табиат дар раванди навшавӣ, навпазирӣ қарор дошта, ба марҳилаи тозаи инкишоф мерасонд. Аз лиҳози мушоҳидаи ҳодисаи кайҳонӣ офтоб гардиши худро аз нав оғоз карда, ба бурҷи барра ворид мешавад. Олами гиёҳон бедор мешаванд ва баргу пояҳои нав мебароранд, донаю тухмиҳои ба замин афтода майса карда, месабзанд. Ҷонварон аз дароз шудани равшанию гармии офтоб баҳравар гашта, марҳилаи нави ҳаётро оғоз мекунанд.

Одамон низ аз қадимулайём бо омадани фасли наву соли нав шодмониҳо карда, ба табиати зиндашуда пайваста, корҳои зиёдеро шурӯъ менамоянд. Кӯдакон бо хӯшию хурсандӣ ба хонаҳо рафта, бо шеърхонӣ онҳоро аз омад–омади фасли баҳор ва Наврӯзи хуҷаста мужда мерасонанд.

Бо фаро расидани баҳор на танҳо табиат аз хоби гарон бедор мешавад, балки руҳияи мардум низ болидаю чеҳраҳо шукуфон ва дилҳо пур аз шодию фараҳ мегардаду буғзу кинаҳо раҳо. Навгониҳою навсозиҳо дар фасли нав мардумро ба Наврӯз ва ба ҳаёту табиат дилгарм месозанд.

Бо баракати Истиқлоли давлатӣ, сулҳу суботи комил Наврӯз, воқеан, ба ҷашни мардумӣ табдил ёфтааст. Рукнҳои он дар Ватани маҳбубамон устувор гардида, моро водор месозад, ки ба қадри ин оини ниёгон расида, бештару зиёдтар арзишҳои волои наврӯзиро тарғибу ташвиқ намоем.

Чунин шароиту имконият ба шарофати сиёсати фарҳангпарваронаи Пешвои миллат ба халқи тоҷик насиб гардидааст.

**Фарухунда АБДУЛҲАКИМОВА, «Садои мардум»**

**Ҷӯрабек МУЪМИН**

## СУБҲИ НАВБАҲОР

*Наврӯз, биё, ёри ману ёри ҳама,*
*Эй рӯшании чароғи бедори ҳама.*
*Бо оташи зардуҳушти ҳафпуштаи мо*
*Тағйир намо суҳбату пиндори ҳама.*

*Ин хирмани лола атри борон дорад,*
*Гулбоғу чаман бӯи баҳорон дорад.*
*Бар чеҳраи идонаи мардум нигарӣ,*
*Наврӯзи Аҷам дидаи хандон дорад.*

*Эй оламиён, баҳори хуррам омад,*
*Фасли тарабу шодии одам омад.*
*Бар ёлаву дашту кӯҳу саҳро нигаред,*
*Наврӯзи мубораку мукаррам омад.*

*Наврӯз, биё, ҷаҳон туро мехоҳад,*
*Бому дари осмон туро мехоҳад.*
*Ҷоне, ки ба лаб омада бо дидаи чор,*
*Ҳангоми равон-равон туро мехоҳад.*

*Хуршеди саҳар, ки абрро гирёнад,*
*Аз гиряи абр лоларо хандонад.*
*Чун боди сабо зи ҷониби Шарқ вазад,*
*Атри қадаҳи дасти варо афшонад.*

*Наврӯз баҳори орзуҳост маро,*
*Айёми шукуфтани таманност маро.*
*Ҳар ҷо ки зи лола машъале мебинӣ,*
*Он ҷо чамани лолаи дилҳост маро.*

# НАВРӮЗ АЗ СУБҲИ МО ОҒОЗ МЕШАВАД

**Нафаси гарми фасли гулрези сол - баҳори нозанин ба деҳаи мо низ аз омадани ҷашни сари сол - Наврӯзи фаррухпай бармаҳал мужда мерасонад. Дар боғи мо нахуст дарахтони бодому зардолу гул мекунанд. Маҷнунбедҳо ҳам ба кокулафшонӣ медароянд.**

Деҳқонон ба киштукор оғоз мебахшанд, ба замин тухми ғалладона мекоранд. Садои марғуладори онҳо ба гӯш мерасад: «Қудумат файзбор бошад, Баҳор!», «Ҳосили фаровон биёр!», «Эй баҳори фархундапай, ба хонадони мо баракат ато бинмо!».

Воқеан, фасли баҳор ба кӯҳистони мо хеле барвақт меояд. Дашту ҳомун хеле зуд сабзпӯш мегардад. Ману дӯстонам субҳи солеҳон аз хоб мехезем ва ба сӯи кӯҳсорон меравем. Он ҷо гулҳои бойчечак фаровон мерӯянд. Мо гулҳои бойчечаки чидаамонро ба деҳа оварда, ба хешу ақрабо, ҳамсоягон ва ҳамдеҳагони худ тақдим мекунем. Ин маросими гулгардонӣ аст, ки ба дили мардум нишот мебахшад. Яке аз мо бо овози баланд мехонад:

**Бойчечаку бойчечак,**
**Гули хушрӯйи химчак.**
**Бойчечаку бойчечак,**
**Бӯйи баҳор бойчечак!**

Мо пас аз ӯ такрор мекунем:

**Баҳори нав муборак бод!**
**Баҳори нав муборак бод!**

Зану марди деҳа гули бойчечакро чун пайғоми хушрӯзиҳо мепазиранд, онро мебӯсанду ба чашму рухсораҳояшон мемоланд. Ба ҷуз бойчечак гули сияҳгӯш низ пайки навбаҳорон аст. Мо ҳам онро мисли бойчечак ба деҳа мегардондему месурудем:

**Гули сияҳгӯши қошгардон,**
**Табақ пур куну пас гардон.**
**Бидеҳ бар дасти гулгардон,**
**Баҳори нав муборак бод!**

Барои ман айёми Наврӯзу баҳор хотироти талх низ дорад. Даргузашти падари ҳалиму ғамгусор, хоҳару бародари бузургам маҳз дар ҳамин фасли зебои сол ба вуқӯъ пайваст. Чеҳраҳои зебою азизи онҳо бо шукуфтани гулҳои баҳорӣ пеши назарам меоянд ва табиати афсункор ба дилам таскин мебахшад. Яъне, Наврӯз зудояндаи занги ҷудоию озурдагӣ, ғаму андуҳ низ будааст.

Бо дӯстонам ба талу теппаи деҳаамон меравем, ки он ҷо Наврӯз таҷлил мегардад. Дар наврӯзгоҳ як тараф, базми рақсу бозӣ, дар дигар тараф, мусобиқаи гӯштигирию бузкашӣ ва дар маркази базмгоҳ сабқати мухталифи наврӯзӣ



сурат мегирад. Ин ҷашн ба дилҳо шодию сурур меорад.

Дар базмгоҳ аз ҳисоби хайрияву эҳсонкориҳо ва маблағи гирдовардаи мардум беҳтарин таомҳоро, аз қабили суманак, қурутоб, шакароб, ширбиринҷ, паниру самбӯса, кабобу гӯштбирён, шӯрбою оши палав, гандумкӯчаю оши бурида, омода месозанд. Гулдухтарони деҳа низ либосҳои зебою шинами гулдӯзинамудаи худро ба бар карда, ба сӯйи базмгоҳи асосӣ мешитобиданд. Онҳо бо худ ҳар гуна анвои хӯрданӣ оварда, ба рӯи дастурхони наврӯзӣ мегузоранд. Дар ин муддат садои мусиқии фораму руҳнавоз баланд гашта, базми рақсу суруд оғоз меёбад. Дар ҳавои таронаҳои дилчасп, сурудҳои шӯхи овозхонони моҳир паричеҳраҳои деҳа, хурду калон, мӯйсафедону занҳои солдида ба рақс медароянд. Ромишгарону мутрибон, овозхону раққосон ва базлагӯю масхарабоз аз ҷое даъват нашудаанд, ҳунарпешагони деҳаи худамон ҳастанд.

Баъдан, сабқати бозиҳои наврӯзӣ - бандкашӣ, бузкашӣ, гӯштигирӣ, хурӯсҷангу кабкҷанг оғоз мегардад ва одамон онро бошавқ тамошо мекунанд. Ҳамин тавр, таҷлили ин ҷашни таърихию миллӣ дар деҳаи мо ҳамеша ҷолиб, рӯҳбахш ва дилчаспу хотирмон мегузарад.

Имрӯз халқи тоҷик ҷашни Наврӯзро ҳамчун мероси арзишманд, иди муқаддаси гузаштагон, ҷашни якдигардӯстӣ, покию зебоӣ, эҳёи табиат ва оғози киштукори баҳорӣ дар фазои сулҳу осоиш мутантану бошукӯҳ истиқбол мегирад. Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мегӯянд: «Тоҷикистон ватани Наврӯз аст!». Оре, мо дар ватани Наврӯз зиндагӣ мекунем ва ҳар субҳи мо бо Наврӯзи мо оғоз мешавад.

**Шарифҷон ҲУСЕЙНЗОДА, «Садои мардум»**

# СУМАНАК РАМЗИ САБР АСТУ ТАҲАММУЛ

**Хушбахтона, дар мамлакат баҳри таҳқиқу омӯзиш ва нигоҳ доштани мероси ниёгон, урфу одат, расму оини миллӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ғамхориҳои беназир зоҳир мешаванд, бахусус, дар бобати эҳё ва густариши ҷашнҳои аҷдодӣ дар даврони соҳибистиқлолии Ватани маҳбубамон.**

Бояд гуфт, ки дар таърихи инсоният ҷашну маросиму идҳо ва анъанаҳои махсус моҳияти бузурги маънавию фарҳангӣ доранд. Аз ҷумла, иди Наврӯз аз қадимитарин ҷашнҳои миллии мо буда, бо шарофати соҳибистиқлолии кишвар аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ҷашни байналмилалӣ эълон шудааст. Қобили зикр аст, ки ташаббускори асосии байналмилалӣ шудани Наврӯз кишвари мо, хоса Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд.

Чун Наврӯз ҷашн аст, мусаллам аст, ки дар баробари тадбирҳои фарҳангӣ, ҳамчунин, хони идона дорад. Хони наврӯзӣ хӯрокҳоеро фаро мегирад, ки танҳо хоси Наврӯз аст. Масалан, то имрӯз мо суманакро танҳо дар арафаи Наврӯз мебинем ва истеъмол мекунем. Шояд дар дигар рӯзҳои сол ҳам хонаводаҳое онро ҳамчун хӯрок таҳия кунанд, аммо суманакпазии наврӯзӣ қариб дар ҳар як хонавода дида мешавад.

Директори Пажӯҳишгоҳи фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанг Абдуфаттоҳ Аминов вобаста ба навъҳо ва рамзҳои хӯрокҳои наврӯзӣ изҳор дошт, ки онҳо вобаста ба минтақа гуногун буда, аслан аз алафҳои баҳорӣ ва донагиҳо - гандум, нахӯд, лӯбиё, мош ва амсоли инҳо пухта мешаванд. Вобаста ба маҳалҳо номи хӯрокҳо ҳам гуногун мешавад. Масалан, кашк, далда, гандумкӯча, умоч, оши тӯппа, оши бурида, отала, ширкаду, ширбиринҷ ва ғайра. Таомҳои наврӯзӣ рамзи баракату фаровонӣ дошта, қисми дигарашон ба хотири ғизо гирифтан пас аз сардию хастагиҳои тӯлонии зимистон барои аҳли хонавода ва деҳа пухта мешаванд. Ширинии асосии рамзии наврӯзӣ ҳалвои суманак аст, ки чун рамзи баракат ва нерумандии инсон ва ба хотири шукургузории неъматҳои табиат аз гандум пухта мешавад. Хони наврӯзиро бидуни суманак тасаввур кардан аз имкон берун мебошад.

Суманак аз замонҳои бостон то ба имрӯз як навъ ғизои ҳаётбахш аст ва аз донаҳои гандуми дамида ва сабзида пухта мешавад. Барои пухтани суманак ҳамчун ранги покизагӣ аз оби борон истифода менамоянд.

Суманак аз ҷумлаи рамзҳои назру ниёз ба пешвози баҳору Наврӯзу соли нав аст. Ҳангоми пухтани он занону модарон тамманнои онро менамоянд, ки соли нав бофайзу баракат шавад. Дар чунин ҳолат суманак намоди фаровонӣ ва пурбаракати зиндагии ояндаи инсон аст.

Пухтани суманак вақти зиёдро мегирад, занону духтарон онро дастҷамъона мепазанд, ки як навъ таҳаммулу сабру бардошти одамиро ифода менамояд. Баъзеҳо суманакро ба муддати 10-15 соат мепазанд. Иҷрои тӯлонии пухтани суманак чунин рамзе дорад, ки одамон дар соли нави оянда дар иҷрои ҳамаи корҳо босабру таҳаммул бошанд ва ҳамчунин, ҳар мушкилоти зиндагиро бо тавоноӣ ва шодмонӣ бартараф намоянд.



Ба андешаи модарон дар гирди деги суманак занону духтарон суруд хонда, рақсу шодмонӣ мекунанд. Ин, аз як тараф, рамзи бо шодию сурур пешвоз гирифтани баҳору Наврӯз бошад, аз тарафи дигар, намодеро ифода менамояд, ки дар соли нав фаровонӣ шавад. Суманак ғизоест, ки ба ҷисми одам қуввату неру мебахшад. Рамзи таваҷҷӯҳ ба дигарон, ҳамсоягон, хешовандон, дӯстонро дошта, яке аз нишонаҳои муҳими ҳамкорӣ дар кору зиндагист. Ҳангоме ки занҳо дар рӯзҳои Наврӯз ба хонаи ҳамдигар мераванд, ҳатман ҳамчун пайки Наврӯзу баҳору муҳаббату самимият бо худ суманак мебаранд, чун рамзи таваҷҷӯҳ ба дигарон, рафоқат ва дӯстӣ ба наздикон.

Модарони мо ду навъи суманак мепазанд: оталасуманак ва ҳалвоӣ. Ҳар дуро пас аз пухтан чун рамзи рафоқат, самимият, дӯстӣ ва ҳамкорӣ ҳатман тақсим мекунанд. Ҳатто дар байни мардум боваре аст, ки «ҳар қадар суманакро бештар тақсим кунем, савобаш зиёдтар мерасад».

Дар гузаштаҳо дар баъзе ҷойҳо, аз ҷумла дар бархе ноҳияҳои вилояти Хатлон, суманакпазиро «тӯйи суманак» мегуфтанд. Суманакро бо эътиқоди махсус ва ботантана, ба умеде мепухтанд, ки дар соли нав ҳосил фаровон гардад. Ба андешаи гузаштагони мо, суманак касро аз ҳар гуна бадбахтиҳо эмин медорад.

Ба ақидаи мардумшиносон, рамзи дигари суманак ва дар хони наврӯзӣ гузоштанаш ин аст, ки занон мехоҳанд дар соли нав хушбахту хушрӯз бошанд. Касоне, ки барои пухтани суманак шароит надоранд, бо ҳадя намудани гандум, орд ва чизҳои дигар ба деги суманаки хешовандон ва ҳамсояҳо ҳамроҳ мешаванд, ки ин рамзи ҳамбастагӣ буда, то ҳол ба мушоҳида мерасад.

Ширинии суманак табиист ва ба шираи он, ки аз гандум ҳосил мешавад, чизе илова намекунанд. Мутахассисон собит намудаанд, ки суманак дорои витаминҳои Е (антиоксидени қавӣ, бе асари радикалҳои озод дар бадан) ва В буда, ин витаминҳо барои таскини асаб, таъмини неруи бовар, тақвияти неруи биноӣ, ҷилавгарӣ аз хастагию пирӣ манфиатбахш ва бар зидди бемории саратон мебошад.

Муҳимтарин маҳсулот барои таҳияи суманак гандум аст, зеро он муҳимтарин гиёҳ ва хӯроки аслии инсон ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷиҳат, метавон хулоса кард, ки дар оғози сол бо суманак оро додани дастархон чун рамзи серию пурӣ ва ҳамбастагии инсон бо инсон ва инсон бо табиат арзёбӣ шудааст. Бинобар ин, дастархони наврӯзӣ бидуни суманак зебою гуворо нахоҳад буд.

**Марҷона СОЛИҲЗОДА, «Садои мардум»**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 428065 | Идораи сохтмони асосии ҳокимияти иҷроияи шаҳри Кӯлоб | Идомаи корҳои сохтмони синфхонаҳои иловагӣ дар филиали муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №20, воқеъ дар деҳаи Нуристони ҷамоати деҳоти Зиракӣ | Хариди мустақим | Кор | 1 | 28.03.2025 12:09:18 |
| 2 | 428018 | КВД Сохтмони асосии назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ | Азнавбарқарорсозии роҳи автомобилгард дар шаҳраки Навободи шаҳри Ҳисор (2550 метр) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 01.04.2025 15:25:00 |
| 3 | 427987 | Муассисаи давлатии таҳсилоти томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №85»-и ноҳияи Сино | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 27 | 01.04.2025 16:10:50 |
| 4 | 428017 | Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании дар шаҳри Душанбе | Корҳои таъмирӣ дар ҳудуди Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании дар шаҳри Душанбе | Озмуни кушод | Кор | 1 | 10.04.2025 15:45:00 |
| 5 | 428020 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Керосин ва равғани муҳаррик | Озмуни кушод | Мол | 8 | 10.04.2025 15:55:00 |
| 6 | 428021 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Тухмиҳо ва нуриҳои минералӣ | Озмуни кушод | Мол | 33 | 10.04.2025 16:10:00 |
| 7 | 428023 | Раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҳияи лоиҳаи кории биноi муассисаи таълимии №57 барои 240 ҷойи нишаст дар деҳаи Зардолубоғи ҷамоати деҳоти Миралӣ Маҳмадалии ноҳияи Восеъ | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 10.04.2025 16:15:00 |
| 8 | 428026 | Раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҳияи лоиҳаи кории биноi муассисаи таълимии №45 барои 240 ҷойи нишаст дар деҳаи Дӯстии ҷамоати деҳоти Дӯстии ноҳияи Фархор | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 10.04.2025 16:30:00 |
| 9 | 428030 | Раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҳияи лоиҳаи кории биноi муассисаи таълимии №59 барои 144 ҷойи нишаст дар ҷамоати деҳоти Сурхоби ноҳияи Деваштич | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 10.04.2025 16:35:00 |
| 10 | 428027 | Раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҳияи лоиҳаи кории биноi муассисаи таълимии №33 барои 240 ҷойи нишаст дар деҳаи Тоҷикистони сурхи ноҳияи А. Ҷомӣ | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 10.04.2025 16:50:00 |
| 11 | 428031 | Раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҳияи лоиҳаи кории биноi муассисаи таълимии №77 барои 144 ҷойи нишаст дар деҳаи Сорвои ҷамоати деҳоти Ромити шаҳри Ваҳдат | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 10.04.2025 16:50:00 |
| 12 | 428025 | Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании дар шаҳри Душанбе | Молҳои хоҷагидорӣ, канселярӣ, молҳои нарм, картридж ва курсӣ | Озмуни кушод | Мол | 39 | 10.04.2025 17:00:00 |
| 13 | 428028 | Раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҳияи лоиҳаи кории биноi муассисаи таълимии №44 барои 240 ҷойи нишаст дар деҳаи Палгунтуғайи ҷамоати деҳоти Н.Хусрави ноҳияи Қубодиён | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 10.04.2025 17:00:00 |
| 14 | 428029 | Раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҳияи лоиҳаи кории биноi муассисаи таълимӣ барои 320 ҷойи нишаст дар деҳаи С. Гадоии ҷамоати деҳоти Панҷрӯди ноҳияи Ҳамадонӣ | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 10.04.2025 17:20:00 |
| 15 | 428033 | Раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҳияи лоиҳаи кории биноi муассисаи таълимии №54 барои 240 ҷойи нишаст дар деҳаи Даҳанаи ҷамоати деҳоти Чорбоғи ноҳияи Варзоб | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 10.04.2025 17:35:00 |
| 16 | 428034 | Раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҳияи лоиҳаи кории биноi муассисаи таълимии №10 барои 240 ҷойи нишаст дар деҳаи Обшорони ҷамоати деҳоти Кӯлоби шаҳри Кӯлоб | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 10.04.2025 17:50:00 |
| 17 | 428032 | Раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҳияи лоиҳаи кории биноi муассисаи таълимӣ барои 640 ҷойи нишаст дар ҷамоати деҳоти Лахши ноҳияи Лахш | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 10.04.2025 18:00:00 |
| 18 | 428037 | Муассисаи давлатии таълими томактабии № 2-и ноҳияи Деваштич | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 27 | 10.04.2025 21:33:33 |
| 19 | 428038 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 8 | 11.04.2025 14:15:35 |
| 20 | 428039 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 11.04.2025 14:20:47 |
| 21 | 428040 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 9 | 11.04.2025 14:25:12 |
| 22 | 428035 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории бинои шуъбаи кӯдакона, даромадгоҳи шуъбаи кӯдакона, маҷлисгоҳ ва қисми боми беморхонаи марказии ноҳияи Темурмалик | Озмуни кушод | Кор | 1 | 11.04.2025 17:00:00 |
| 23 | 428036 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Гузаронидани шабакаҳои гармидиҳии бинои шуъбаи таваллуди Беморхонаи марказии ноҳияи Данғара | Озмуни кушод | Кор | 1 | 11.04.2025 17:30:00 |
| 24 | 428041 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷорӣ дар бинои Беморхонаи марказии шаҳри Турсунзода | Озмуни кушод | Кор | 1 | 11.04.2025 18:00:00 |
| 25 | 428042 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №22-и ҷамоати деҳоти Зарзамин»-и ноҳияи Б.Ғафуров | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 27 | 15.04.2025 16:10:00 |
| 26 | 428043 | Муассисаи мошинсарои воситаҳои нақлиёти махсуси тиббии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии соябони таваққуфгоҳи нақлиётҳо, таҷдиди даромадгоҳи асосӣ, анбори сӯзишворӣ, таъмири ҳуҷраи ронандагон ва ободонии ҳудуд | Озмуни кушод | Кор | 1 | 15.04.2025 16:15:00 |
| 27 | 428044 | Ширхоргоҳ-кӯдакистони №16-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 15 | 15.04.2025 16:25:00 |
| 28 | 428045 | Муассисаи таълими томактабии №28-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 19 | 15.04.2025 16:35:00 |
| 29 | 428046 | Муассисаи таълими томактабии №28-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 52 | 15.04.2025 16:40:00 |
| 30 | 428047 | Ширхоргоҳ - кӯдакистони №32-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 51 | 15.04.2025 16:50:00 |
| 31 | 428048 | Беморхонаи марказии шаҳри Истаравшан | Лавозимоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 4 | 16.04.2025 17:20:35 |
| 32 | 428049 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Таъмиру азнавсозии таъминоти барқӣ ва таҷҳизонидани системаи гармидиҳии бинои прокуратураи ҳарбии гарнизони Суғд | Озмуни кушод | Кор | 1 | 17.04.2025 08:47:13 |
| 33 | 428050 | Муассисаи давлатии «Боғи Ирам»-и Муассисаи давлатии «Маҷмуи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Бензин ва сӯзишвории дизелӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 17.04.2025 08:50:09 |
| 34 | 428051 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Матои парда ва лавозимот барои истеҳсоли пардаҳои асосӣ ба Муассисаи давлатии «Қароргоҳи Сарвари давлати Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон» | Озмуни кушод | Мол | 11 | 17.04.2025 08:50:56 |
| 35 | 428052 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Матои парда ва лавозимот барои истеҳсоли пардаҳои асосӣ ба Муассисаи давлатии «Қасри маданияти Арбоб» | Озмуни кушод | Мол | 9 | 17.04.2025 08:54:14 |
| 36 | 428053 | Муассисаи давлатии «Сарраёсати ободонӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ»- и ноҳияи Б. Ғафуров | Матои баннер | Озмуни кушод | Мол | 1 | 17.04.2025 08:58:43 |
| 37 | 428054 | Муассисаи давлатии «Сарраёсати ободонӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ»- и н. Б. Ғафуров | Бензин, гази моеъ, сӯзишвории дизелӣ ва равғани муҳаррик | Озмуни кушод | Мол | 4 | 17.04.2025 09:04:26 |
| 38 | 428055 | Муассисаи давлатии «Сарраёсати ободонӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳияи Б. Ғафуров | Гули ниҳоли виола ва карамгул | Озмуни кушод | Мол | 2 | 17.04.2025 09:08:00 |
| 39 | 428058 | Муассисаи давлатии «Назорати ҳолати мелиоративии заминҳо ва истифодаи об»-и АБЗ ва О | Беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ тариқи тоза намудани заҳбуру заҳкашҳо дар ноҳияҳои вилояти Хатлон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 17.04.2025 09:45:00 |
| 40 | 428056 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт | Озмуни кушод | Мол | 55 | 17.04.2025 09:50:23 |
| 41 | 428057 | Раёсати моддию техникӣ, хӯрокворӣ ва таъминоти нақлиёти КҲФ ва МГ назди ҲҶТ | Тухмиҳои сабзавот, нуриҳои минералӣ, заҳрхимикатҳо ва молҳои хоҷагидорӣ | Озмуни кушод | Мол | 28 | 17.04.2025 10:15:27 |
| 42 | 428062 | Муассисаи давлатии «Хона-интернати беморони рӯҳӣ»-и шаҳри Ҳисор | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 42 | 17.04.2025 10:48:37 |
| 43 | 428063 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ | Озмуни кушод | Мол | 29 | 17.04.2025 11:00:00 |
| 44 | 428060 | Мактаби муттаҳидаи техникии шаҳри Кӯлоб | Сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ | Озмуни кушод | Мол | 3 | 17.04.2025 11:13:03 |
| 45 | 428059 | Муассисаи давлатии маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии Кӯлоб | Кашидани хатҳои барқ ва чароғонкунии ҳудуди Минтақаи озоди иқтисодии Кӯлоб | Озмуни кушод | Кор | 1 | 17.04.2025 11:13:16 |
| 46 | 428066 | Маркази равонпизишкии вилояти Суғди шаҳри Хуҷанд | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 76 | 17.04.2025 11:35:00 |
| 47 | 428007 | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сохтмони бинои маъмурии бойгонии ММБИ-и Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 17.04.2025 13:00:00 |
| 48 | 428068 | Муассисаи кумаки аввалияи тиббию санитарии шаҳри Конибодом | Таъмири намои бино ва корҳои ободонӣ дар Муассисаи кумаки аввалияи тиббию санитарии шаҳри Конибодом | Озмуни кушод | Кор | 1 | 17.04.2025 13:50:00 |
| 49 | 428067 | Муассисаи давлатии таълими томактабии кӯдакистони №40 дар ноҳияи И. Сомонӣ | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 39 | 17.04.2025 13:50:58 |
| 50 | 428069 | Филиали Неругоҳи Қайроққуми Ҷамъияти саҳомии кушодаи Барқи Тоҷик дар шаҳри Гулистон | Чароғонкунии кӯчаи Истиқлоли шаҳри Гулистон (болои обанбори Баҳри Тоҷик) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 17.04.2025 14:00:00 |
| 51 | 428070 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ | Бензин ва сӯзишвории дизелӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 17.04.2025 14:05:05 |
| 52 | 428071 | Муассисаи давлатии вилоятии рӯзномаи «Ҳақиқати Суғд» | Коғази рӯзнома | Озмуни кушод | Мол | 1 | 17.04.2025 14:10:35 |
| 53 | 428072 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №156»-и ноҳияи Сино | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 21 | 17.04.2025 14:35:13 |
| 54 | 428074 | Муассисаи давлатии таҳсилоти томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №55»-и ноҳияи Сино | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 38 | 17.04.2025 14:38:22 |
| 55 | 428075 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсӣ | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 17.04.2025 14:40:00 |
| 56 | 428061 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳои ноҳияи Синои шаҳри Душанбе» | Ранги равғанин | Озмуни кушод | Мол | 2 | 17.04.2025 14:44:44 |
| 57 | 428076 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсӣ | Бензин | Озмуни кушод | Мол | 1 | 17.04.2025 14:45:00 |
| 58 | 428077 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсӣ | Равғанҳои молиданӣ | Озмуни кушод | Мол | 5 | 17.04.2025 15:00:00 |
| 59 | 428073 | Муассисаи давлатии «Варзишгоҳи маркази ноҳияи Фархор» | Мониторҳои беруна | Озмуни кушод | Мол | 1 | 17.04.2025 15:28:06 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН ГОСУДАРСТВЕННОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ «ЦЕНТР УПРАВЛЕНИЯ ПРОЕКТОМ ПО УПРАВЛЕНИЮ ВОДНЫМИ РЕСУРСАМИ ФЕРГАНСКОЙ ДОЛИНЫ»

## ПРОЕКТ ПО УСОВЕРШЕНСТВОВАНИЮ УПРАВЛЕНИЯ ВОДНЫМИ РЕСУРСАМИ И ИРРИГАЦИЕЙ (ПУУВРИ)
## ГРАНТ №: IDA E0790-TJ
## Грант №: EU TFOB 8740-TJ

### ПРИГЛАШЕНИЕ НА УЧАСТИЕ В КОНКУРСЕ НА ЗАМЕЩЕНИЕ ВАКАНТНОЙ ДОЛЖНОСТИ

Республика Таджикистан получила финансирование от Всемирного банка для покрытия расходов по Проекту по усовершенствованию управления водными ресурсами и ирригацией (ПУУВРИТ).

Проект состоит из четырех компонентов: (i) Реформа водного сектора и институциональное укрепление, (ii) Улучшение ирригационных систем, (iii) Управление проектом; и (iv) компонент чрезвычайного реагирования. Реализующим агентством является Центр управления проектом (ЦУП) при АМИ (ЦУП ПУВРФД) и Группа реализации проекта (ГРП) при МЭВР.

Целями развития проекта являются: (i) наращивание потенциала в области планирования водных ресурсов и управления ирригацией в Таджикистане на национальном и бассейновом уровнях; и (ii) повышение эффективности отдельных ирригационных систем в бассейнах рек Вахш и Зарафшан. В рамках проекта намеревается создание рабочих мест и ГУ ЦУП «УВРФД» объявляет конкурс на замещение следующей вакантной должности:

Руководитель проекта/Координатор Гиссар

**Квалификационные требования**

- Диплом университета в области гидро инженерно-технической области, экономики и сельского хозяйства;
- По крайней мере, 5 лет опыта работы координации проекта;
- Опыт взаимодействия с местными властями и общинами;
- Хорошее знание местных условий; хорошие управленческие навыки;
- Полное владение и работа с текстовыми и табличными программами;
- Высокое чувство ответственности, готовность брать на себя инициативу, отличные коммуникативные навыки и командный дух являются важными факторами, честность и порядочность.
- Свободное владение таджикским и русским языками, знание английского языка желательно.

Для получения информации о квалификационных требованиях и дополнительной информации заинтересованным участникам будет представлено по адресу: г. Душанбе, ул. Шамси 5/1 (здание Министерства энергетики и водных ресурсов, левое крыло 9 этаж, офис ЦУП УВРФД) или по электронной почте: **fvwrmp@mail.ru.**

Заинтересованные лица должны представить полный комплект перечисленных ниже документов в запечатанном пакете с обязательным указанием вакантной должности;

- Заявление на участие в конкурсе
- Резюме (CV) обязательно на английском и на русском языке
- Копия диплома об образовании (оригинал)
- Копия паспорта
- Рекомендательные письма
- Копии сертификатов о дополнительном образовании (при наличии).

Документы представляются по адресу: г. Душанбе, ул. Шамси, 5/1 (здание Министерства энергетики и водных ресурсов, левое крыло, 9-й этаж, офис ЦУП УВРФД или по электронной почте: **fvwrmp@mail.ru**).

Окончательный срок представления документов **11.04.2025 г. до 10-00** часов по местному времени. Неполный пакет документов, а также документы, поданные после указанного срока, не будут рассматриваться.

Только те кандидаты, которые отвечают квалификационным требованиям, попадут в короткий список и будут приглашены на собеседование.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино соли 2019 ба Назриева Шаҳноза Ҷумахоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замин (наздиҳавлигӣ)-и дараҷаи Б №0454487 таҳти рақами қайди 8034, ки онро Кумитаи идораи замини ноҳияи Данғара 8 октябри соли 2007 ба Умаров Саидмаҳмад додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №1072722, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №119-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2022 ба Одиназода Бахтиёр Маҳмадсолиҳ додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ ва Иқтибоси гумшуда аз феҳрасти ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ, ки онҳоро Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ 25 декабри соли 2009 ба ҶДММ «Хазинаи бойгонӣ» додааст, эътибор надоранд.

✓ Аттестати гумшудаи хатми синфи нуҳум бо силсилаи С №026541, ки онро Литсейи №4 (собиқ МТМУ №15)-и ноҳияи Шоҳмансур соли 1999 ба Ҳамроқулова Дилфуза Мухитдиновна додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Кооперативи тиҷоратии «Бобои Пирқул» (РЯМ 201001185), ки онро Нозироти андози ноҳияи Фархор 19 декабри соли 2015 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Бурди Панҷшер» (РЯМ 0210033377, РМА 020059539), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ 13 апрели соли 2024 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ МХҶ «Навде» (РМА 410004710), воқеъ дар ҷамоати деҳоти Дукони шаҳри Норак, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум
Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари хабарнигорони минтақавӣ 238-53-56; муовин 238- 54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сиёсат ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисод 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг ва иҷтимоӣ 238-58-93; муҳаррири шуъбаи ахбор 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорони минтақавӣ дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; ШНТҶ 918-68-40-17.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj
**ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 31 марти соли 2025, соати 11:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34620 нусха*

Навбатдори шумора Ш. Ҳусейнзода

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97